# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори Шурои диссертатсионӣ дар 05.03.2024, № 3

Барои сазовор донистани Қобилов Аҳмад Абдуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич таҳти унвони «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, рӯзи 05 марти соли 2024 (қарори № 3) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд) ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қобилов Аҳмад Абдуллоевич 10-уми майи соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2006 ба факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, соли 2012 факултети мазкурро хатм намуд. Солҳои 2012-17-ум омӯзгори кафедраи грамматикаи забони арабии факултети забонҳои шарқи “МДТ-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”, солҳои 2019-2021-ум омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ, аз соли 2021 то имрӯз омӯзгори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики донишгоҳи мазкур мебошад.

Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич таҳти унвони «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)» дар кафедраи забони тоҷикии “МДТ-и ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи “МДТ-и ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”, ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намуданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Сафарова Гулчеҳра Файзовна, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи “Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)” ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи илмии пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаҳои забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Мазмуни асосии диссертатсия довталаб дар 11 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 7 мақола дар маҷмуаву маҷаллаҳои илмии дигар нашр гардидаанд. Инчунин мазмуну муҳтавои пажуҳиши мазкур дар конференсияҳои илмӣ баён карда шудаанд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[М-1].** Хусусиятҳои калимасозии пасванди -гоҳ дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / Ахбори ДДХБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - Хуҷанд, 2016. - № 1 (66). –Саҳ.87-92.

**[М-2].** Баъзе хусусиятҳои корбурди вожаҳои аслии тоҷикии муаррабгардида дар забонҳои тоҷикию русӣ / Паёми ДО. Душанбе, 2020. №6 (№89) -Саҳ. 145-148.

**[М-3].** Иқтидори калимасозии пешванди ҳам- дар тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” / Ахбори ДДХБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2022. - № 2.(90) –Саҳ. 89

**[М-4].** Хусусиятҳои ташаккули пасванди исми маънисози -ӣ дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / Паёми ДМТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Душанбе, 2022.- №6 (ISSN-2413-516X). -Саҳ.103-107.

**II. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ:**

**[М-5].** Корбурди пасванди –зор дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / Номаи ховаршиносон, Хуҷанд: «Нури маътифат», 2015.- № 9. –Саҳ. 208-214

**[М-6].** Пасвандҳои ифодакунандаи макон дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” / Дастовардҳои олимони ҷавон. Маҷмуаи маколаҳо аз конференсияи анъанвии вилоятӣ бахшида ба Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон, Хуҷанд: Меъроҷ, 2016, – Саҳ. 201-209

**[М-7].** Баъзе хусусиятҳои корбурди пасвандҳои –гар, -бон, -ҷӣ/-чӣ, дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / Свет знаний и добра. Материалы Международной научной конференции, посвящённой 30-летию Государственной независимости Республики Таджикистан. – Худжанд: Ношир, 2021. – Саҳ.525-531.

**[М-8].** Иқтидори калимасозии пасванди “гоҳ” дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” / Забон-ҳастии миллат. Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушколот ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии д.и.ф., профессор Ҳомид Маҷидов (ш. Душанбе, 15-уми июни соли 2022-юм, ДМТ), - Душанбе, 2022. – Саҳ. 251-258.

**[М-9].** Баъзе хусусиятҳои пасвандҳои исми маконсози –истон, -зор, -када дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / Конференсияи байналмилалии “Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV)” ба ифтихори 90-солагии доктори илми филология, профессор Мукаррама Қосимова

**III. Мақолаҳо дар нашрияҳои хориҷӣ:**

**[М-10].** Особенности суффикса -ин/-гин образующих относительных прилагательных в «Тарджумаи «Тафсири Табари» («Перевод

комментария Табари») Научно практический журнал “Рефлексия”. – Грозный: “Парадигма” 2021. - № 2 (ISSN 1995-2473) – С. 26-28.

**[М-11].** Особенности суффикса -нок/-нок образующих исходных прилагательных в «Тарджумаи «Тафсир Табари» («Перевод комментария Табари») Peculiarities of the suffix -нок/-nok deriving original adjectives in “Tarjumai “Tafsir Tabari” (“Translation of Tabari`s commentary”) / Научный журнал «ЕО IPSO». – М.: “Научная артель” 2022. - № 6 (ISSN (p) 2712-9497, ISSN (e) 2542-1034) – С. 135-137.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон – Шафоатов А.Н. мусбат буда, дар он баъзе камбудиҳои автореферати диссертатсия нишон дода шудаанд:

а) дар мавридҳои алоҳида дар фишурда ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ дида шуданд;

б) на ҳамаи вожаҳои нодир ҳисобидаи унвонҷӯ ба ҳақиқати илмӣ мувофиқанд.

2. Тақризи профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, доктори илмҳои филологӣ – Гадоев Н. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ – Юсупов Ш. низ мусбат буда, дар он эродҳои зерин нишон дода шудааст:

а) фишурда бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале бо вуҷуди ин баъзан ғалатҳои имлоиву китобат роҳ ёфтаанд;

б) дар баъзе мавридҳо муаллиф барои собит кардани андешаҳояш далели хеле кам меорад.

3. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд – Ҷалолова Фотима Абдусаломовна мусбат буда, дар он пешниҳод шудааст, ки рисола дорои аҳаммияти илмию амалӣ буда, метавонад дар оянда барои такомули

масоили дериватология ва услубшиносии таърихӣ мадади калон расонад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро мақаррар намудааст:**

1. Унвонҷӯ аз таҳлили хусусиятҳои исму сифатҳои сохта умумияту тафовути забони «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»-ро аз осори дигари дар ин даврон таълифшуда нишон додааст. Инчунин фарқи забони ин асарро аз осори дигари давраҳои минбаъдаи инкишофи забони тоҷикӣ инъикос карда, дараҷаи тафовут пайдо намудани забони тоҷикии асри X аз давраи ҳозира дар мисоли калимаҳои сохтаи мансуб ба исму сифати «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» нишон додааст.

2. Иштироки пешванду пасвандҳои калимасозро дар гузашта муайян карда, сабабҳои минбаъд фаъолона дар калимасозӣ иштирок кардани гурӯҳе аз онҳо ё ғайрифаъол гардидани қисми дигар, ё ки куллан фаромӯш гардидани ҳиссаи сеюми онҳоро дар ташаккули калимаҳои сохта нишон додааст.

3. Дараҷаи васлгардии ин гуна унсурҳои калимасозро ба вожаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ нишон дода, ба ин восита бартарияти якеро аз дигаре ошкор кардааст.

4. Бо истифода аз усули омории пажуҳиш нишон додааст, ки дар асари мавриди таҳлил ҳамаи калимаҳои сохтаи марбут ба исму сифат аз лиҳози дараҷаи истеъмол мухталиф буда, баъзеяшон ниҳоят фаровон, қисми дигаре нисбатан муътадил, гурӯҳи сеюм ба андозаи муайян ва ҳиссаи охирашон хеле кам мавриди истифода қарор гирифтаанд.

5. Қариб ҳамаи пешвандҳо (ба истиснои *бар-*) аз давраҳои басо қадим то имрӯз дар калимасозӣ фаъол буданашонро муайян намуда, хусусиятҳои фарққунандаи асри X, бахусус «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»-ро нишон додааст, ки бархе пешвандҳои сифатсоз бо калимаҳое ҳамроҳ шудаанд, ки минбаъд аз истифода баромада, ҳатто шакли ғайримеъёрӣ ҳисоб ёфтаанд.

6. Аз таҳлили ҳамроҳшавии вандҳои калимасоз ба калимаҳои мансуб ба забонҳои гуногун ба чунин натиҷа расидааст, ки исму сифатҳои сохтаи «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» асосан дар заминаи ба ҳам омадани воҳидҳои луғавии аслии тоҷикӣ сурат гирифта, дар мавридҳои кам аз васли вандҳо бо калимаҳои иқтибосӣ (мисли арабӣ, юнонӣ) вожаҳои нав ташаккул ёфтаанд. Теъдоди бештари калимаҳои сохтаи бо пешванди *бо-* ва унсурҳои луғавии иқтибосӣ бунёдгардида сифат буда, теъдоди зиёди вожаҳои бо ёрии пасванди *–гоҳ* ташаккулёфта исми макон будааст.

7. Унсурҳои луғавии сохтаи дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» вуҷуддошта аз ҷиҳати доираи маънояшон ягона набуда, теъдоди калимаҳои маҳдудмаъно дар нисбати сермаъно бештар будааст.

8. Дар ду мувозӣ ё беш аз он ба кор рафтани як гурӯҳ унсурҳои луғавии сохтаи мансуб ба исму сифатро дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» муайян намудааст.

9. Як ҳиссаи исму сифатҳои сохтаи «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»-ро воҳидҳои луғавии куҳнашуда ва нодир дар бар гирифтанашро нишон додааст.

Дар ҷараёни баррасӣ муайян карда шудааст, ки агарчи қолабҳои сохташавии исму сифатҳо дар таърихи забони адабии тоҷикӣ таърихи беш аз ҳазорсола доранд, вале тамоми сарватҳои луғавии тавассути чунин усули калимасозӣ вуҷуддошта аз рӯйи дар ҳар давру замон фаъолу нофаъол буданашон, доираи маънояшон, аз нигоҳи ба хонандаи ҳар даврон мафҳум буданашон ягона нестанд: гурӯҳе аз онҳо ҳамеша чун унсури фаъоли луғавӣ дар забони аҳли илму адаб ба кор рафтаанд, ҳиссае аз ҷиҳати доираи маъноии худ аз дигар унсурҳои луғавӣ фарқ доранд, қисми сеюмашон бо нодирии худ дорои мақому мавқеи хосса мебошанд. Бархе аз ин гуна калимаҳоро хоси услуби «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» шуморидааст.

Бояд гуфт, ки кулли пажуҳишҳои анҷомдодашуда ба масоили гуногуни ин навъи калимаҳо рабт дошта, дар саргаҳи он пажӯҳишҳои анҷомдодаи забоншиносони хориҷиву ватанӣ ба мисли Э. Бенвенист, М. Н. Боголюбов, В. П. Григорйев, Е. А. Земская, Е. С. Кубрякова, В. А. Лившитс, В. Н. Немченко, Л. С. Пейсиков, Р. П. Рогожникова, Н. И. Фелдман, Т. Д. Чхеидзе, Н. М. Шанский, Д. Т. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Шукуров, М. Қосимова, Д. Хоҷаев, С. Ҳалимов, А. Давронов, Ш. Кабиров, Т. Шокиров, О. Қосимов, А. Байзоев, С. Ғаниева, М. Олимҷонов, М. Баҳор, А. Ҳумоюнфаррух, П. Н. Хонларӣ ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ** дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи манзуршуда, натиҷаҳои илмии таҳқиқ метавонад дар оянда барои равшан гардидани нақши ҳар кадом пешванду пасванди исму сифатсоз дар ташаккули унсурҳои луғавии наву дилпазир дар осори тарҷумавӣ, дараҷаи иштирокашон дар пайдогардии вожаҳои навсохт, ҳиссагузорияшон дар арзи вуҷуд кардани калимаҳо, дараҷаи маъноифодакунияшон ва аз ин ҷиҳат доштани тафовут, кушода гардидани нуктаҳои то ҳол печидаву мавҳум мадад мерасонад. Нуктаҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро метавон барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии марбут ба калимасозии таърихӣ, таълифи рисолаҳои доктории дараҷаи PhD, навиштани китобҳои дарсиву дастурҳои методии ба калимасозӣ алоқаманд, инчунин рисолаҳои магистриву хатми дараҷаи бакалавр ва корҳои курсӣ истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи** маводи «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» аз он иборат аст, ки хусусиятҳои ташаккули исму сифатҳои сохтаро дар осори тарҷумавии қарни X ошкор кардааст, иқтидори калимасозии вандҳо (пешванду пасвандҳо)-ро дар пайдо шудани воҳидҳои луғавии навсохт муайян намудааст, дараҷаи васлгардии ин гуна унсурҳои калимасозро ба вожаҳои аслии тоҷикӣ ва

иқтибосӣ нишон дода, ба ин восита бартарии якеро аз дигаре ошкор кардааст. Кӯшиш ба харҷ додааст, ки нақши бештари иддае аз вандҳо (махсусан, пасвандҳо) дар муқоиса бо дигаре аз онҳо нишон дода шавад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 05-уми марти соли 2024 дар бораи сазовор донистани Қобилов Аҳмад Абдуллоевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати шуро ворид шудаанд, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта чунин овоз доданд: тарафдор 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Шарифзода Ф.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.

04.07.2024